аз 28.03.2022, №170

«Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи
хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»

Бо мақсади дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, соддаю осон намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, мутобиқи талаботи моддаи 167 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Риояи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳангоми муносибат бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон аз ҷониби ҳамаи воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ҳатмӣ мебошад.
3. Сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати такмили стандартҳои муқарраргардида, алалхусус ҳангоми тағйир ёфтани қонунгузории андоз ба Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон таклифҳо пешниҳод намоянд.
4. Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар нашрияи расмии Кумитаи андоз – ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонида шавад.
5. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар якҷоягӣ бо КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» фармоиши мазкурро дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир намоянд.

6. Фармоиши Кумитаи андоз аз 12.07.2017, №316 «Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» аз эътибор соқит дониста шавад.

7. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, РААК ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумитаи андоз Меликзода К.Н. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

аз 14.08.2023, №382

“Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармоиши Кумитаи андоз аз 28.03.2022, №170 “Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон”

Дар асоси гузориши Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон аз 09.06.2023, №1872 ҷиҳати мутобиқ намудани муқаррароти Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи моддаи 167 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба замимаи 2 - и Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 28.03.2022, №170 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- дар рамзҳои хизматрасонии 01.01.02. ва 01.01.05., дар сутуни «Мӯҳлати иҷрои хизматрасонӣ» рақам ва калимаҳои «Дар давоми 5 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ» ва «Дар давоми 5 рӯзи тақвимӣ баъд аз пешниҳоди ариза» ба калимаҳои «Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ» иваз карда шаванд;

- дар рамзҳои хизматрасонии 01.01.02., 01.01.03., 01.01.04., 01.01.05., 01.01.06., 01.01.07. ва 01.01.08. дар сутуни “Масъули хизматрасонӣ” баъд аз калимаҳои «дар шаҳру ноҳияҳо» калимаҳои «ё шуъбаҳо ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳо» илова карда шаванд;

- дар рамзи хизматрасонии 01.01.02. дар сутуни «Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» баъд аз калимаҳои «Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ» калимаҳои «қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.07.2022, №360 “Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси

андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан", моддаҳои 10 ва 11 Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ"» илова карда шаванд;

- дар рамзҳои хизматрасонии 01.01.04. ва 01.01.05. дар сутуни «Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» калимаҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» илова карда шаванд;

- дар рамзҳои хизматрасонии 01.01.07. ва 01.01.08. дар сутуни «Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» калимаҳои «банди 55 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» аз 29.07.2022, №360» илова карда шаванд;

- дар рамзи хизматрасонии 01.01.11., дар сутуни «Номгӯи хизматрасонӣ» калимаҳои «Муроҷиати электронии андозсупоранда оид ба додани мактуби ахборотӣ дар бораи кушодани суратҳисоби бонкӣ» ба калимаҳои «Дархости электронии ташкилотҳои қарзӣ оид ба гирифтани мактуби ахборотӣ дар бораи кушодани суратҳисоби бонкӣ», ҳамзамон дар сутуни «Мӯҳлати иҷрои хизматрасонӣ» рақам ва калимаҳои «То 2 рӯзи корӣ баъд аз муроҷиати андозсупоранда» ба рақам ва калимаҳои «Дар давоми 1 рӯзи корӣ баъд аз дархости электронии ташкилоти қарзӣ» иваз карда шаванд;

- дар рамзҳои хизматрасонии аз 01.01.11 то 01.01.13 дар сутуни "Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» сана ва рақами дахлдори қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

- дар рамзи хизматрасонии 01.01.12. дар сутуни «Мӯҳлати иҷрои хизматрасонӣ» баъд аз калимаҳои «пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ» калимаҳои «ба тариқи электронӣ» ва дар сутуни «Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» калимаҳои «фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 28.10.2022, №562» илова карда шаванд;

- дар рамзи хизматрасонии 01.01.13. дар сутуни «Мӯҳлати иҷрои хизматрасонӣ» рақам ва калимаҳои «То 5 рӯзи корӣ» ба рақам ва калимаи «То 3 рӯзи корӣ» иваз карда шуда, дар сутуни «Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» калимаҳои «фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 28.10.2022, №562» илова карда шаванд;

- дар рамзҳои хизматрасонии аз 02.02.02 то 02.02.10. дар сутуни «Мӯҳлати иҷрои хизматрасонӣ» рақам ва калимаҳои «то 3 рӯзи корӣ», «то 5 рӯзи корӣ» ва «то 2 рӯзи корӣ» мутаносибан ба рақам ва калимаҳои «дар муддати 24 соат» иваз карда шаванд;

- дар рамзи хизматрасонии 02.02.12. дар сутуни «Мӯҳлати иҷрои хизматрасонӣ» рақами «10» ба рақами «1» ва дар сутуни «Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» калимаҳои «Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ба калимаҳои «Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» иваз карда шаванд;

- дар рамзи хизматрасонии 02.02.13. дар сутуни «Мӯҳлати иҷрои хизматрасонӣ» рақам ва калимаҳои «То 2 рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди

ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ» ба рақам ва калимаҳои «дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ» иваз карда шаванд;

- дар рамзҳои хизматрасонии 03.03.01. ва 03.03.02. дар сутуни «Муҳлати иҷрои хизматрасонӣ» рақам ва калимаҳои «Дар давоми 10 рӯзи корӣ баъди пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ» ба рақам ва калимаҳои «дар давоми 5 рӯзи корӣ баъди пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба тариқи электронӣ» иваз карда шаванд;

- дар рамзи хизматрасонии 03.03.03. дар сутуни «Муҳлати иҷрои хизматрасонӣ» рақам ва калимаҳои "Дар давоми 5 рӯзи корӣ" ба рақам ва калимаҳои "Дар давоми 1 рӯзи корӣ" иваз карда шаванд;

- дар рамзҳои хизматрасонии аз 03.03.01. то 03.03.03. дар сутуни "Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» калимаҳои "Дастурамал "оид ба ҳисоб ва пардохти ААИ" ба калимаҳои "Тартиби бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, пешбурди феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, додани шаҳодатнома ва қатъи амали он" иваз карда шаванд;

- дар рамзи хизматрасонии 03.03.04. дар сутуни «Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» калимаҳои «қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2022, №611 "Дар бораи Тартиби тайёр кардан (омодасозӣ) ва муомилоти тамғаҳои аксизӣ ва номгӯи молҳои зераксизии истеҳсоли ватанӣ ва воридотӣ, ки бояд ҳатман тамғагузорӣ карда шаванд» илова карда шаванд;

- дар рамзи хизматрасонии 07.07.01. дар сутуни «Номгӯи хизматрасонӣ» калимаҳои «Додани сертификати имзои электронии рақамӣ (ИЭР)» ба калимаҳои «Додани сертификати имзои электронӣ ва муаллификунонии мобилӣ ба воситаи QR рамз» иваз карда шаванд ва дар сутуни «Лаҳзаи анҷоми хизматрасонӣ ба андозсупоранда» калимаҳои «ва муаллификунонии мобилӣ ба воситаи QR рамз» илова карда шаванд;

- дар рамзи хизматрасонии 07.07.07. матни сутуни «Номгӯи хизматрасонӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Пардохти андозҳо бо истифода аз замимаҳои мобилии ташкилотҳои қарзӣ, корти бонкӣ ва ё дигар воситаҳои электронии пардохт» ва дар сутуни «Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» калимаҳои "моддаи 31 КАҶТ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" аз 22.06.2023 №586" илова карда шаванд;

- дар рамзи хизматрасонии 09.09.01. дар сутуни "Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» калимаҳои "Дастурамал "Дар бораи татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ" ба калимаҳои "Дастурамал "Дар бораи татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ бо мақсади пешгирии андозбандии дукарата ва саркашӣ аз пардохти андозҳо аз даромад ва молу мулк (сармоя)" иваз карда шаванд.

2. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба муовинони Раис, сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" дастрас намояд.

3. Раёсатҳои молиявию хоҷагидорӣ ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, КВД “Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз” барои дар рӯзномаи “Боҷу хироҷ” нашр намудан ва дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир кардани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намоянд.

Раис Н. Давлатзода

Замимаи №1
Ба фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» марти соли 2022, №170

Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон бо мақсади баланд бардоштани тафаккури шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ, содаю қулай намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон қабул гардидааст.

## 1. Муқарраротi умумӣ

1. Санади мазкур - Стандарти ягонаи хизматрасонии мақомоти андоз ба шаҳрвандон ва андозсупорандагонро муайян менамояд (минбаъд – СЯХА).

2. Иҷрои СЯХА барои ҳамаи воҳидҳои сохтории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумитаи андоз) ҳатмӣ мебошад.

3. Назорати риояи талаботи СЯХА дар воҳидҳои сохтории мақомоти андоз аз ҷониби Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андоз амалӣ карда мешавад.

## 2.Сохтор ва таркиби СЯХА

4. СЯХА номгӯи хизматрасониҳои мақомоти андоз ва тартиби ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон пешниҳод намудани хизматрасониҳоро дар бар мегирад.

5. Дар СЯХА хизматрасониҳои Кумитаи андоз дар шакли ҷадвал (Замимаи 2 ба фармоиш) муқаррар гардидааст.

6. Сохтори хизматрасониҳои Кумитаи андоз, ки дар СЯХА дохил карда шудааст, аз чунин сутунҳо иборат мебошад:

- рамзи хизматрасонӣ;
- номгӯи хизматрасонӣ;
- муҳлати иҷрои хизматрасонӣ;
- лаҳзаи анҷоми хизматрасонӣ ба андозсупоранда;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи хизматрасонӣ;
- арзиши хизматрасонӣ;
- масъули хизматрасонӣ.

## 3.Мундариҷаи хизматрасониҳои СЯХА

7. Хизматрасониҳои Кумитаи андоз, ки дар СЯХА дохил карда шудаанд, ба намудҳои зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

01.00.00. - баҳисобгирии андозсупорандагон, гузоштан дар баҳисобгирӣ - ба қайди андозӣ;

02.00.00. - бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

03.00.00. - бақайдгирӣ ва бекор кардани шаҳодатномаи андоз аз арзиши иловашуда ва додани тамғаҳои аксизӣ;

04.00.00. – бақайдгирии объектҳои бизнеси бозӣ;

05.00.00 – баҳисобгирии (бақайдгирии) андозҳо аз молу мулк (андоз аз объектҳои ғайриманкул, андози замин ва андози воситаҳои нақлиёт) ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд;

06.00.00. - қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз;

07.00.00. – хизматрасониҳои электронӣ;

08.00.00. - додани маълумотномаҳо дар бораи ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо буҷети давлатӣ, тартиб додани санади муқоисавӣ;

09.00.00. - додани маълумотнома дар бораи маблағи даромадҳои гирифташуда аз сарчашмаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозҳои нигоҳдошташуда;

10.00.00. - додани хулоса ҷиҳати баргардонидан ва ё баҳисобгирии маблағи барзиёд пардохташудаи андозҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет;

11.00.00. – додани тасдиқнома ҳангоми содироти алюминийи аввалия;

12.00.00. - гузариш аз як низоми андозбандӣ ба дигар низоми андозбандӣ;

13.00.00. – пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ;

14.00.00. - баррасии мурочиатҳо ва шикоятҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон.

8. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо пешниҳодҳои асосноки сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон тибқи тартиби муқарраргардида, ба намудҳои СЯХА тағйиротҳо ворид карда мешаванд.

## 4. Принсипҳои корӣ

9. Принсипҳои корӣ мутобиқи СЯХА дар мақомоти андоз инҳо мебошанд:

1) пешниҳод намудани маълумотҳои пурра оид ба ҷараёни хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон;

2) риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҳангоми хизматрасонӣ;

3) хушмуомилагӣ ва риояи одоби хизматчии давлатӣ;

4) нигоҳдорӣ, ҳимоя ва таъмини сирри маълумот, ки андозсупорандагон пешниҳод намудаанд.

5. Натиҷаҳои корӣ

10. Баҳогузории натиҷаҳои хизматрасонии давлатӣ ба андозсупорандагон ва дастрасии онҳо ба хизматрасониҳо бо мониторинги нишондиҳандаҳои сифатӣ муайян карда мешавад.

11. Нишондиҳандаҳои сифатӣ ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ, ки бо воситаи онҳо фаъолияти мақомоти андоз баҳогузорӣ карда мешавад, ҳар сол як маротиба баҳогузорӣ гардида, дар ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ» нашр мегардад ва дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда мешавад.

12. Тавассути модули компютерии «Баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои давлатӣ дар нозиротҳои андоз» назарпурсии сифати хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз гузаронида мешавад.

6. Тартиби шикоят намудан

13. Шикоят нисбати амали (бе амалии) кормандони масъули мақомоти андоз, ки ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон хизмат мерасонанд, ба таври интихобӣ мумкин аст бо роҳҳои зерин амалӣ гардад:

1) муроҷиатҳои хаттӣ ба Кумитаи андоз, ки дар суроғаи ш. Душанбе, кучаи Н.Қарабоев 42/2 ҷойгир аст;

2) муроҷиатҳо ба сардорони мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ ё ин, ки ба раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва Раёсати андози андозсупорандагони калон;

3) Китоби шикоятҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон нисбат ба кормандони мақомоти андоз, ки дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда шудааст;

4) муроҷиату шикоятҳо ба телефони «боварӣ»-и Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 2330905, ба рақами содакардашудаи «151» - шуъбаи иттилоот ва баррасии муроҷиатҳои электронӣ (Call-center);

5) муроҷиатҳо ва шикоятҳо бо почтаи электронии Кумитаи андоз info@andoz tj;

6) муроҷиатҳо бо усули электронии “ЧАТ”.

14. Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қабули арзу шикоят ба амали (бе амалии) корманди масъули мақомоти андоз дар мавриди шахсан ташриф овардани андозсупоранда ба шуъбаҳои умумӣ нусхаи дуюми шикоятнома,

ки дар он ному насаби қабулкунанда, имзо, санаи қабул ва муҳр гузошта мешавад, эътироф мегардад.

Дар мавриди тавассути почта (аз ҷумла электронӣ) қабул намудани арзу шикоят, санаи қабул гузоштани муҳри воридотии шуъбаҳои умумии мақомоти андоз мебошад.

15. Арзу шикоят ба амали (бе амалии) кормандони масъули мақомоти андоз бо назардошти қонунгузории амалкунанда дар мӯҳлатҳои муқаррар гардида баррасӣ гардида, аз натиҷааш ба муроҷиаткунанда маълумоти хаттӣ ирсол карда мешавад.

## 7. Ахбороти тамосӣ

16. Дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ва тариқи шуъбаи иттилоот ва баррасии муроҷиатҳои электронӣ бо рақами телефонии содакардашудаи «151» андозсупоранда метавонад:

1) оид ба гузаронидани чорабиниҳои Кумитаи андоз, суроғаҳои мақомоти андози ҷумҳурӣ ахборот гирад;

2) аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастурамалҳо, мактубҳои тавзеҳотӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ истифода намояд ва маълумот гирад;

3) аз хизматрасониҳои «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» тавассути сомона истифода намояд;

4) сатҳи хизматрасониҳои воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ва кормандони онро баҳогузорӣ намояд, эрод ва пешниҳодҳои худро манзур намояд.

17. Доир ба гирифтани маълумот дар бораи РМА ва РЯМ андозсупоранда метавонад бо рақами телефонии содакардашудаи «152» ба шуъбаи иттилоот ва баррасии муроҷиатҳои электронии Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андоз муроҷиат намояд.

Замимаи 2
Ба фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» __03___ соли 2022, №_170_

# СТАНДАРТИ ЯГОНАИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА АНДОЗСУПОРАНДАГОН
**(бо дарназардошти тағйироту иловаҳо, ки бо фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.08.2023, № 382 тасдиқ шудааст)**

| Рамзи хизмат-расонӣ | Номгӯи хизматрасонӣ | Мӯҳлати иҷрои хизматрасонӣ | Лаҳзаи анҷоми хизматрасонӣ ба андозсупоранда | Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Арзиши хизматрасонӣ | Масъули хизматрасонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| **01.00.00** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди баҳисобгирии андозсупорандагон, гузоштан дар баҳисобгирӣ – ба қайди андозӣ»** | | | | | |
| 01.01.01. | Баҳисобгирии шахсони воқеӣ дар мақомоти андоз | Дар давоми 1 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатномаи РМА | Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо ё шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳо |
| 01.01.02. | Баҳисобгирии шахсони ҳуқуқӣ – резидент | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатномаи РМА | Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.07.2022, № 360 «Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани РМА, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо ё шуъбаҳо ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳо |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | гузоштан», моддаҳои 10 ва 11 Қонуни ЧТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | | |
| 01.01.03. | Баҳисобгирии мақомоти ҳокимияти давлатӣ | Дар давоми 2 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатномаи РМА | Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо ё шуъбаҳо ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳо |
| 01.01.04. | Баҳисобгирии ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятии давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо | Дар давоми 2 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатномаи РМА | Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ, Қонуни ЧТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо ё шуъбаҳо ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳо |
| 01.01.05. | Баҳисобгирии филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатномаи РМА | Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ, Қонуни ЧТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо ё шуъбаҳо ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳо |
| 01.01.06. | Аз баҳисобгирӣ баровардани ҳизбҳои | Дар давоми 10 рӯзи корӣ пас аз тартиб додани | Додани нусхаи санади санҷишӣ ва қарор аз | Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ | санади санҷиши хотимавӣ | натиҷаи санҷиш, баргардонидани нусхаи аслии Шаҳодатномаи РМА | | | ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо ё шуъбаҳо ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳо |
| 01.01.07. | Баҳисобгирии намояндагиҳои дипломатӣ ва намояндагии ба онҳо баробаркардашудаи давлатҳои хориҷӣ ва ташкилоти байналмилалие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд | Дар давоми 2 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатномаи РМА | Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ, банди 55 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани РМА, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» аз 29.07.2022, № 360 | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо ё шуъбаҳо ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳо |
| 01.01.08. | Баҳисобгирии муассисаи доимии шахсони ҳуқуқӣ – ғайрирезидентҳо, ки фаъолияташонро тавассути муассисаи доимӣ бе таъсис додани филиал ва намояндагӣ амали менамоянд | Дар давоми 2 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатномаи РМА | Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ, банди 55 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани РМА, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» аз 29.07.2022, № 360 | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо ё шуъбаҳо ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳо |
| 01.01.09. | Баҳисобгирии хизматрасонии фосилавии шахсони хориҷӣ | То 2 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани шаҳодатномаи баҳисобгирӣ | Моддаи 278 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Сарраёсати маъмурикунонии андоз |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 01.01.10. | Аз ҳисоб баровардани шахсони хориҷие, ки хизматрасониҳои фосилавиро анҷом медиҳанд | То 2 рӯзи тақвимӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи аз ҳисоб баровардани шахсони хориҷӣ | Моддаи 278 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Сарраёсати маъмурикунонии андоз |
| 01.01.11. | Дархости электронии ташкилотҳои қарзӣ оид ба гирифтани мактуби ахборотӣ дар бораи кушодани суратҳисоби бонкӣ | Дар давоми 1 рӯзи корӣ баъд аз дархости электронии ташкилоти қарзӣ | Ирсоли мактуби ахборотӣ дар шакли электронӣ | Моддаи 105 КАҶТ ва Қарори ҲҶТ «Дар бораи Қоидаҳои баҳи-собгирӣ, додани РМА, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» аз 29.07.2022, № 360 | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| 01.01.12. | Додани РСБ | То 3 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба тариқи электронӣ | Додани Тасдиқнома оид ба РСБ | Моддаи 79 КАҶТ ва Қарори ҲҶТ «Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани РМА, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» аз 29.07.2022, № 360, фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 28.10.2022, № 562 | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| 01.01.13. | Бекор кардани РСБ | То 3 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Ворид намудани маълумоти дахлдор ба барномаи компютерии СҲИА | Моддаи 79 КАҶТ ва Қарори ҲҶТ «Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани РМА, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» аз | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 29.07.2022, № 360, фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 28.10.2022, № 562 | | |
| **02.00.00** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»** | | | | | |
| 02.02.01. | Қабули ариза ва ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ дар бахшҳои бақайдгирии мақомоти андоз ё ирсоли электронии ҳуҷҷатҳо | То 20 дақиқа баъд аз пешниҳоди ариза ва додани дастхат дар бораи қабули ҳуҷҷатҳо | Дастхат дар бораи қабули ҳуҷҷатҳо | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.02. | Бақайдгирии давлатии фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирӣ:<br>а) патент<br>б) шаҳодатнома,<br>в) иқтибос | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.03. | Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи қатъ гардидани фаъолият - иқтибос | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.04. | Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ва ворид намудани маълумот ба ФЯД | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирӣ – Шаҳодатнома (иқтибос) | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.05. | Бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ва ворид | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи барҳамдиҳӣ – Иқтибос аз ФЯД | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | намудани маълумот ба ФЯД | ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | | соҳибкорони инфиродӣ» | | соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.06. | Бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва ворид намудани маълумот дар ФЯД | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Шаҳодатнома | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.07. | Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва ворид намудани маълумот дар ФЯД | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қатъ гардидани фаъолият – Иқтибос аз ФЯД | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.08. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо дар ФЯД нисбати филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Иқтибос аз ФЯД | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.09. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумот оид ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ФЯД | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Иқтибос аз ФЯД | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.10. | Гирифтани «Нусха (Дубликат)»-и ҳуҷҷати бақайдгирии давлатии гумшуда (вайроншуда) Шаҳодатнома, Патент) | Дар муддати 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани «Нусха (Дубликат)»-и ҳуҷҷати бақайдгирӣ | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
